# 5.1 (12.00.00) ПРАВО
# 5.1 ҲУҚУҚ
# 5.1 LAW

## 5.1.1(12.00.01) Теоретико-исторические правовые науки
## 5.1.1 Илмҳои назариявӣ-таърихии ҳуқуқӣ
## 5.1.1 Theoretico-Historical-Juridicall Sciences

***УДК*** *340*
***DOI*** *10.24412/2411-1945-2022-4-5-12*

***АСОСҲОИ УМУМИ-НАЗАРИЯВӢ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ЭВТАНАЗИЯ***

***Искандаров Шарафҷон Фахриддинович,*** *н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ;* ***Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид,*** *н.и.ҳ., ёрдамчии директори Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

***ОБЩЕТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ И ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ЭВТАНАЗИИ***

***Искандаров Шарафджон Фахриддинович,*** *канд.юрид.наук, доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета ТНУ;* ***Шосаидзода Шахбоз Шосаид,*** *канд.юрид.наук, помощник директора Центра исламоведения при Президенте Республики Таджикистан (Таджикистан, Душанбе)*

***GENERAL THEORETICAL FOUNDATIONS AND LEGAL REGULATION OF EUTHANASIA***

***Iskandarov Sharafjon Fakhriddinovich,*** *candidate of juridical sciences, Associate Professor of the department of human rights and comparative law knowledge under the law faculty of Tajik National University;* ***Shosaidzoda Shahboz Shosaid,*** *candidate of juridical sciences, Assistant to the Director of the auspices of Center for Islamic Studies under the President of the Republic of Tajikistan (Tajikistan, Dushanbe)* ***E-MAIL:*** *isharafjon@mail.ru*

*Масъалаи эвтаназия, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти татбиқи он, моҳият, мафҳум ва ташаккули ин падида мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Эвтаназия мавзуи мубрам ва меҳварии илми тиб, ҳуқуқ, фалсафа ва дин ба шумор меравад ва бароиҳалли маҷмуӣ ва дақиқи он, таҳқиқоти ҳамаҷонибаю амиқи муҳаққиқон ва мутахассисонталаб карда мешавад. Лозим ба таъкид аст, ки эвтаназия падидаи хоси як давлат ва минтақа нест, аниқтараш он ҳодисаест, ки алҳол қариб дар ҳамаи мамлакатҳо арзи вуҷуд*

*кардааст. Қонунӣ гардонидани эвтаназия аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳоест, кимарбутан ба ин падида ба миён омадаст.Хулоса карда шудааст, ки бузургтарин арзиши инсонӣ, яъне ҳаёт метавонад моҳияти аслии худро аз даст диҳад.*

***Калидвожаҳо:** эвтаназия, марги осон, илми тиб, меъёрҳои иҷозатдодашуда, ризоият, дарду азоби сахти ҷисмонӣ ва руҳӣ, бемории табобатнашаванда, корманди тиб, ҷиноят*

*Рассматриваются вопросы эвтаназии, проблема её регулирования и применения, а также раскрываются ее сущность, понятие и становление данной категории. Эвтаназия является актуальной и поэтому центральной темой медицинской науки, права, философии и религии, и для ее комплексного и точного решения требуется всесторонний глубокий анализ исследователей и специалистов. Нужно отметить, что эвтаназия не является специфическим явлением для конкретного государства или региона. Скорее, это явление, которое сейчас имеет место почти во всех странах мира. И самый важный вопрос, касающийся эвтаназии, - это её легализация в мире. Сделан вывод, что величайшая человеческая ценность – право на жизнь – может потерять свою исконную сущность.*

***Ключевые слова:** эвтаназия, легкая смерть, медицинская наука, дозволенные нормы, согласие, сильная духовная и физическая боль, неизлечимая болезнь, медработник, преступление*

*The issues of euthanasia, its regulation and the problem of application are considered, as well as its essence, concept and formation of this category are revealed. Euthanasia is a topical and central theme of medical science, law, philosophy and religion, and its comprehensive and accurate solution requires a versatile in-depth analysis on the part of researchers and specialists. It should be noted that euthanasia is not a specific phenomenon for a particular state or region. Rather, it is a phenomenon that has now been happening in almost every country of the world. And the most important issue regarding euthanasia is its legalization in the world. The conclusion is made that the greatest human value, that of right for life can lose its primordial essence.*

***Key words:** euthanasia, light death, medical science, allowed norms, agreement, strong spiritual and physical pain, incurable disease, medical worker, crime*

Эвтаназия яке аз зуҳуроти илмие мебошад, ки аз ҷониби илмҳои ҳуқуқшиносӣ, фалсафа, этика ва илми тиб мавриди таҳқиқоти ҳамешагӣ қарор дорад. Мо низ тасмим гирифтем, ки таърихи пайдоиш, мафҳуми эвтаназия, тафовути он аз худкушӣ, таҳлили ҷанбаҳои динӣ-ахлоқӣ ва фалсафии онро мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор диҳем.

**Таърихи пайдоиш ва мафҳуми эвтаназия.** Эвтаназия яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва ниҳоят пуртазодди ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад. Он мавзуи марказӣ ва меҳварии илми тиб, ҳуқуқ, фалсафа ва дин буда, барои ҳалли куллии он бевосита таҳлили ҳамаҷониба ва амиқ аз нуқтаи назари муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои зикргардида зарур мебошад. Мушкилӣ ва ё баҳси эвтаназия падидаи навбавуҷудомада нест, танҳо вай дар замони имрӯза мубрамияти хосеро ба худ касб намудааст.

Эвтаназия зуҳуроти иҷтимоӣ ва биологӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, решаи он ба умқи таърих рафта мерасад. Ҳарчанд дар охири асри XIX эвтаназия объекти мустақили таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта бошад ҳам, доир ба ин падида аз давраҳои хеле қадим таҳқиқоти илмӣ, тиббӣ, сотсиологӣ вуҷуд доштанд.

Истилоҳи «эвтаназия», «эйтаназия», «эутаназия» бо маънои муосираш аввалин маротиба аз ҷониби файласуф ва сиёсатмадори англис – Френсис Бэкон истифода шудааст.

Худи истилоҳи эвтаназия юнониасос (ευ – хуб, осон ва οάνοηος – марг) буда, ба маънои марги осон, ором, бедард, ширин истифода мешавад [9, с.10]. Ба ақидаи Ф. Бэкон «қарзи пизишк на танҳо эҳёи саломатӣ, балки сабук намудани азобу уқубати бемор аст, ин дар ҳолест, ки чунин сабукнамоӣ метавонад саломатиро барқарор насозад, аммо дар ҳоле ки ҳеҷ умеде ба шифо боқӣ намемонад, он метавонад маргро осон ва ором намояд, чунки эвтаназия аллакай худ хушбахтии азим аст» [3, с.321; 4, с.269].

Аммо ба ин гуфтаҳо нигоҳ накарда, мухолифони ин назария вуҷуд доранд ва дар андешаи худ қавӣ мебошанд. Масалан, аз замони Гиппократ қариб то ба имрӯз тиб оид ба ин зуҳурот мухолифат менамояд, чунки он ба принсипҳои умумиэътирофгардидаи тиб мувофиқат намекунад. Гиппократ иброз намудааст, ки: «Ман ба касе илоҷи марговареро намедиҳам ва роҳи монандеро низ нишон намедиҳам» [5, с.270].

Эвтаназия ин тезонидан ва ё қатъ намудани ҳаёти шахси гирифтори бемории табобатнопазир мебошад, ки бо хоҳиши худи бемор ва ё наздикони ӯ анҷом дода мешавад [2, с.531; 13, с.235; 17, с.1088]. Масъалаи мазкур дар ҷаҳони муосир баҳси зиёдеро ба миён овардааст. Роҷеъ ба ин масъала то ҳол дар байни муҳаққиқон ҳусни тафоҳум ба миён наомадааст: он бояд аз ҳисси тараҳҳум ба марг расонидани шахси бемор ва ё ҷиноят ба муқобили ҳаёти шахс эътироф шавад? Бинобар ин гуфтаҳо, тибби муосир имкон дорад, ки бо истифода аз дастгоҳҳои махсус ҳаёти бемори дар ҳолати ниҳоят вазнин қарордоштаро барои муддати зиёд нигоҳ дорад. Ин гуна беморон низ ба мисли дигар афроди ҷомеа соҳиби ҳуқуқ ва озодиҳое мебошанд, ки давлат таъмини онҳоро ба зиммаи худ мегирад.

Вале кадоме аз ин амалҳо амали инсондӯстонатар аст: нигоҳдории хаёти бемори дар чунин ҳолати вазнин қарордошта ва ё кумак намудан ба вай ҷиҳати тарки осудаи ин дунё? Мухолифони эвтаназия бар он назаранд, ки ҳаёти инсон бузургтарин арзиш аст ва онро касе қатъ карда наметавонад, ҳатто худи шахс. Аз ин рӯ, Саъдизода Ҷ. таъкид менамояд, ки ҳамҷинсгароӣ, ивази ҷинс, трансплантатсияи узви инсон бо ҳайвонот ва баръакс (ксенотрансплантация), эвтаназия, дастовардҳои манфӣ дар соҳаи биоэтика, нигилизми ҳуқуқӣ, коҳишёбии шуури ҳуқуқӣ, таназзули ахлоқ, коррупсия омилҳои зидди фарҳанги ҳуқуқи инсон ба шумор меравaнд [18, с. 75-76]. Ҳамзамон қайд менамояд, ки барои кушода додани мазмун ва моҳияти асоситарин ҳуқуқи шахс – ҳуқуқ ба ҳаёт илми ҳуқуқи инсонро зарур меояд, ки масъалаи оғози ҳаётро аз назари соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла, ҳуқуқи ҷиноятӣ, масъалаҳои ҳукми қатл, эвтаназия, кафолатҳои конститутсионии онро низ омӯзад [18, с.206].

Ба андешаи тарафдорони эвтаназия, аз ҷумла А. Малиновский: «аз лиҳози ҳуқуқӣ тасаввур намудан душвор аст, ки чӣ гуна шахси соҳиби ҳуқуқ ба ҳаёт буда, ҳуқуқ ба марг надорад. Чи гуна имконияти ихтиёрдории моликияташро дошта, наметавонад ҳаёти худро ихтиёрдорӣ намояд» [15, с.54].

Мафҳуми эвтаназия дар қонунгузории давлатҳои ҷаҳон ба тарзҳои гуногун баён шудааст, аммо тамоми онҳо дорои мазмуни ягона мебошанд. Масалан, дар қонунгузории Федератсияи Русия эвтаназия қонеъ кардани дархости бемор ҷиҳати суръат бахшидан ба марги ӯ мебошад [7, с.53; 16, с.125]. Дар қонунгузории Ҳолланд бошад, мафҳуми эвтаназия ба тариқи зайл оварда шудааст: «Эвтаназия – ҳар гуна амалест, ки барои ба анҷом расонидани ҳаёти инсон бо хоҳиши шахсӣ равона карда шуда, аз ҷониби шахси беғараз анҷом дода мешавад» [12, с.16-17; 14, с.20]. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад мафҳуми эвтаназияро чунин таъриф медиҳад: «Эвтаназия – қонеъкунии хоҳиши бемор дар бобати тезонидани марги вай бо ягон амал ё восита, аз ҷумла, қатъ намудани чораҳои сунъии нигаҳдории ҳаёт аст» [11].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эвтаназия дар тамоми шаклҳо манъ карда шудааст ва иҷрои ин амал боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад. Манъи эвтаназия бевосита дар

қисмҳои 3 ва 4 моддаи 150 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон [11] зикр шудааст. Дар умум эвтаназия ин суръат бахшидан ба марг ё аз ҳаёт маҳрум намудани шахси гирифтори бемории табобатнашаванда бо розигии худи бемор ва ё наздикони бемор ба хотири хотима додан ба ранҷу азоби ӯ аст.

Эвтаназия ҳамчун як падидаи баҳснок ва мураккаб дорои як қатор хусусиятҳо аст:

1) эвтаназия амали муайянест, ки дар шакли фаъол ва ғайрифаъол зуҳур менамояд. Анҷомдиҳандаи ин амал чун қоида кормандони соҳаи тиб ба шумор меравад, яъне субъекти он махсус аст;

2) фаъолияти кормандони соҳаи тиб зимни анҷом додани амали эвтаназия бошуурона аст. Яъне духтур бояд ҳаракатҳои худро дарк ва идора карда тавонад ва оқибатҳои онро пешбинӣ намуда хоҳони фаро расидани он бошад;

3) дар натиҷаи татбиқи эвтаназия марги бемор ба миён меояд;

4) эвтаназия бо хоҳиши худи бемор сурат мегирад.

Дар баробари хусусиятҳои номбаргардида эвтаназия ҳамчун як навъи фаъолият бояд бо риояи шартҳои зерин анҷом дода шавад:

1) мавҷудияти бемории табобатнопазир, ки дар натиҷаи он ба бемор азобу уқубати зиёди ҷисмонӣ, руҳӣ ва маънавӣ мерасад;

2) самти фаъолияти духтур бояд дақиқ муайян бошад, яъне мақсади асосии кормандони тибро бояд танҳо қатъи азобу уқубати бемор ташкил диҳад, на мақсадҳои дигар;

3) чунин фаъолият бояд бо розигии худи бемор ва дар сурати имконнопазир будан бо хоҳиши намояндагони қонунии вай анҷом дода шавад;

4) ба бемор ва намояндагони қонунии вай бояд баргаштнопазир будани натиҷаҳои эвтаназия пурра, ҳамаҷониба ва сари вақт фаҳмонида шаванд.

Ҳамаи хусусият ва шартҳои дар боло зикргардидаро таҳлил намуда, таърифи зерини эвтаназияро пешниҳод намудан мумкин аст: «Эвтаназия фаъолияти бошууронаи кормандони соҳаи тиб аст, ки барои қатъ намудани азобу уқубати ҷисмонӣ, руҳӣ ва маънавии бемор нигаронида шуда, ба марги бемор оварда мерасонад, дар сурате ки чунин амал бо хоҳиши худи бемор ва ё намояндагони қонунии ӯ сурат мегирад ва онҳо роҷеъ ба оқибатҳои бебозгашти он ҳаматарафа огоҳонида мешаванд» [6, с.59].

**Тафовут байни худкушӣ ва эвтаназия.** Марг мавзуест, ки бештари инсонҳо намехоҳанд роҷеъ ба он суҳбат кунанд, аммо марг ҳақиқатест, ки ҳар яки мо хоҳ нохоҳ ба он дучор мешавем. Сабаб дар он аст, ки инсоният табиатан аз чизҳои номуайян метарсад, воқеаҳои баъд аз марг бошанд тамоман як чизи номуайянанд. Сабабҳои зиёди марг вуҷуд дорад. Он метавонад натиҷаи садама, гуруснагӣ, беморӣ, худкушӣ ва ё эвтаназия бошад. Худкушӣ амалан аз ҳаёт маҳрум кардани худ аст. Тибқи баъзе додаҳои оморӣ он дар қатори сабабҳои асосии марг дар ҷаҳон ҷойи 13-умро ишғол мекунад ва ҳар сол беш аз як миллион нафар худкушӣ мекунад. Аз як ҷониб эвтаназия, ки ҷараёни хотима ёфтани ҳаёт аст, то дарду ранҷ ва азобу уқубати ҷисмонӣ ва рӯҳии беморро боздорад, инчунин метавонад ба категорияи худкушӣ дохил шавад, агар он ихтиёрӣ бошад. Эвтаназияи ихтиёрӣ бо розигии худи бемор сурат мегирад. Бемор аз духтур хоҳиш мекунад, ки ба марги ӯ мусоидат кунад. Эвтаназияи ихтиёрӣ дар иёлатҳои Орегон ва Вашингтони ИМА ва дар кишварҳои аврупоӣ, ба монанди Белгия, Люксембург, Нидерландия ва Швейтсария ҳамчун амри худкушӣ бо ёрии тиббӣ маъмул аст. Ба андешаи Бобоҷонов И.Х. эвтаназия куштор ба воситаи табиб мебошад [1, с.274]. Гарчанде ки мақсади эвтаназия хотима додани ранҷу азобҳои шахси гирифтори бемории табобатнопазир мебошад, аммо шахсе, ки худкушӣ мекунад, метавонад якчанд сабабҳои гуногун дошта бошад. Худкушӣ албатта, бо сабабҳои ноумедӣ

ё бемориҳои руҳӣ, ба монанди депрессия, нашъамандӣ ва майзадагӣ содир карда шуданаш мумкин аст. Худкушӣ амали ихтиёрист ва ин ифодагари иродаи худи шахс аст, ки мехоҳад ҳаёти худро ба итмом расонад, дар сурате ки эвтаназия метавонад ҳам ихтиёрӣ ва ҳам маҷбурӣ бошад, яъне бе изҳори иродаи шахсе, ки нисбати ӯ эвтаназия татбиқ мегардад. Эвтаназияи иҷборӣ маҷбуран зиндагии инсонро қатъ мекунад, дар сурате ки ӯ розигии худро изҳор карда наметавонад, ба монанди эвтаназияи кӯдак. Баъзеҳо эътироф мекунанд, ки эвтаназия танҳо ихтиёрӣ шуда метавонад, зеро ҳангоме ки ҳаёти шахс бидуни розигии ӯ хотима меёбад, ин намуди эвтаназия воқеан куштори шахси дигар аст. Дар таълимотҳои динӣ ҳар ду намуди марг, яъне ҳам худкушӣ ва ҳам эвтаназия нодуруст ва ғайри қобили қабул аст. Гарчанде ки марг тавассути худкушӣ ва эвтаназия аз ҷониби баъзе одамон ва қариб тамоми динҳои ҷаҳонӣ ғайри қобили қабул ва нодуруст дониста мешавад, бархе аз нафарон онро як ҷузъи ҳуқуқҳои худ мешуморанд, яъне амалӣ гаштани «ҳуқуқ ба марг».

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло якчанд хусусиятҳои фарққунандаи ин ду падидаи бо ҳам шабеҳ, яъне эвтаназия ва худкуширо номбар намудан мумкин аст. Дар ҳар ду маврид сухан дар бораи хотима ёфтани бузургтарин арзиши инсонӣ – ҳаёти шахс меравад. Аз ҷумла, худкушӣ як амали қасди ҷони худ аст, дар сурате ки эвтаназия хотима бахшидан ба ҳаёти шахси дигар мебошад, хоҳ дар шакли ихтиёрӣ бошад ва хоҳ дар шакли маҷбурӣ; худкушӣ ихтиёрӣ аст, аммо эвтаназия ҳам ихтиёрӣ ва ҳам маҷбурӣ шуда метавонад; худкушӣ аз ноумедӣ анҷом дода мешавад, дар ҳоле ки эвтаназия барои хотима додан ба ранҷу азобҳои шахси гирифтори бемории табобатнашаванда ба амал бароварда мешавад ва ғайра.

Дар баробари эвтаназия ва худкушӣ, падидаи ихтиёран даст кашидан аз муоина ва табобат низ вуҷуд дорад, ки он дар қонунгузории бархе аз давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ карда шудааст. Ҳуқуқи шаҳрвандон барои даст кашидан аз муоина ва табобат бевосита дар моддаи 43 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон [11] зикр шудааст. Мувофиқи он шаҳрвандон ва намояндагони қонунии онҳо ҳуқуқ доранд аз муоина ва табобати пешниҳодшаванда даст кашанд, ба истиснои:

- занони ҳомила ва ноболиғон;
- шахсони гирифтори бемориҳое, ки номгӯи онҳоро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ муқаррар намудааст;
- ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур.

Ба шахсоне, ки табобатро рад намудаанд ё намояндагони қонунии онҳо бояд оқибатҳои имконпазири досткашӣ ва ё қатъ кардани табобат фаҳмонида шавад, даст кашидан аз табобат барои аз беморхона ҷавоб додан асос шуда метавонад. Досткашӣ аз табобат бо тарзи хаттӣ, бо имзои шахси бемор ё намояндаи қонунии ӯ, бо зикри маълумоти мухтасар дар бораи оқибатҳои имконпазири досткашӣ аз табобат, ба расмият дароварда мешавад.

**Таҳлили ҷанбаҳои динӣ-ахлоқӣ ва фалсафии эвтаназия.** Вақте ки сухан дар мавриди эвтаназия меравад, одатан ду савол ба миён меояд. Яке ахлоқӣ ва дигаре ҳуқуқӣ. Паҳлуи ахлоқӣ ифодагари он аст, ки доир ба хислати шахсе, ки ин амалро анҷом медиҳад чӣ гуфтан мумкин аст ва оё чунин амалҳоро қонун манъ мекунад? Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки эвтаназия хилофи меъёрҳои ахлоқӣ аст, аммо бояд дар ҳолатҳои истисноӣ дар сатҳи қонунгузорӣ иҷозат дода шавад. Баъзеи дигар бар он назаранд, ки гарчанде эвтаназия на ҳамеша хатост, аммо қонун набояд ба он иҷозат диҳад. Чунки чунин иҷозатдиҳӣ ба принсипи инсондӯстӣ ва ҳадафҳои тиб мухолифат мекунад. Арзишҳои ахлоқии инсонӣ, ҳатто бар хилофи қонунҳои объективии табиӣ дар ҳолатҳои вазнинтарин мубориза барои зиндагиро ташвиқ мекунад. Ва аз нуқтаи назари фалсафӣ шахс бояд бо тамоми қудрату тавоноӣ дар пешорӯи азобу машаққатҳо истодагарӣ

намояд ва то охирин лаҳза даст аз мубориза ва муҷодала барнадорад. Эвтаназия дар ҷаҳони имрӯза яке аз масъалаҳои ниҳоят пурихтилоф ва ҳалношуда боқӣ мемонад ва он бузургтарин ихтилофро дар пешорӯи худ аз ҷониби динҳо, бахусус динҳои ҷаҳонӣ, ба монанди ислом, насроният, индуизм ва ғайраҳо мебинад.

Эвтаназия ҳамчун «куштор аз рӯйи раҳм» дар дини ислом бошиддат танқид ва манъ карда мешавад. Эвтаназия барои як мусулмон ғайри қобили қабул аст. Манъи эвтаназия дар сарчашмаҳои асосии дини ислом Қуръон ва суннат дарҷ шудааст. Аз ҷумла, дар сураи Нисо ояи 29 омадааст: «Хештанро макушед. Ба дурустӣ, ки Худованд бо шумо меҳрубон аст». Эвтаназия ин таҷовуз ба арзиши олии инсонӣ, яъне ҳаёти инсон мебошад. Бинобар ин, барои шахси боэътиқод марг зуҳуроти табиист.

Шахси гирифтори бемории вазнин фикри гунаҳкорона надорад, аз ин рӯ, наздиконаш бояд бо ғамхорӣ ӯро иҳота кунанд. Дастгирии маънавӣ ва ҳамдардии хешовандон ба бемор имконият медиҳад, ки ба захираҳои ботиниву руҳияш диққат дода, азоби ҷисмониро камтар эҳсос намояд. Дар таҳкими ин гуфтаҳо бояд як ҳақиқати одиеро ёдрас намуд, ки ҳеҷ кас намедонад, ки ба ӯ чӣ қадар вақт дода шудааст. Новобаста аз оне, ки як муъмин чи гуна озмоишҳоро аз сар мегузаронад, вай бояд дар хотир дошта бошад, ки ҳама чиз ба Худо тааллуқ дорад ва Ӯ танҳо ҳаққи қатъ намудани ҳаёти як шахсро дорост. Дар аввалин Конференсияи байналмилалии тиббии исломӣ дар соли 1981 дар Кувайт лоиҳаи Кодекси ахлоқии тиббии исломӣ таҳия шуда буд. Дар ин Кодекс дар қатори дигар масъалаҳои биоэтика, ба эвтаназия низ диққати махсус дода шуда буд. Дар Кодекс гуфта мешавад, ки: «куштор аз рӯйи раҳм, ба монанди худкушӣ танҳо дар тарзи тафаккури атеистӣ дастгирӣ хоҳад ёфт. Атеистон бар он боваранд, ки баъд аз зиндагии заминии мо холигӣ ба вуҷуд меояд. Талаби куштан ба хотири коҳиш додани ранҷ рад карда мешавад, зеро дар ҷаҳон чунин дарде мавҷуд нест, ки бо истифодаи доруворӣ ва ё воситаҳои лозима сабукӣ наёбад». Дар байни буддоиён дидгоҳҳо доир ба эвтаназия хеле гуногунанд, аммо бисёре аз буддоиён онро маҳкум мекунанд. Арзиши муҳимми таълимоти дини буддоӣ-раҳм аст. Баъзе аз буддоиён раҳмро барои эвтаназия баҳона намуда, иброз медоранд, ки шахс аз ҳама ранҷу азобе, ки ба он гирифтор аст, раҳоӣ меёбад. Бо вуҷуди ин ҳанӯз ҳам дар таълимоти буддоия «ба кор бурдани ягон амале, ки ба нобуд кардани ҳаёти инсон равона карда шудааст, новобаста аз ангезаҳо шахс» ғайри қобили қабул аст. Калисоҳои католикӣ, равияҳои православӣ ва протестантӣ низ муқобили эвтаназия мебошанд. Масалан, калисои православии Амрико ба эвтаназия муқобилияти ҷиддие нишон дода, изҳор намудааст, ки: «эвтаназия – қатъкунии барқасдонаи ҳаёти инсон аст». Масеҳия низ дар ин росто ба монанди ислом ҳаётро бузургтарин арзиши инсонӣ эътироф намуда, қатъи онро ба иродаи Офаридгор алоқаманд медонад. Яҳудия кӯтоҳ кардани умрро ҳатто барои як дақиқа бузургтарин гуноҳ мешуморад. Далели асосии яҳудия ин аст, ки бадан ба одам тааллуқ надорад. Мо онро танҳо барои истифодаи муваққатӣ гирифтаем ва ҳаққи мустақилона нобуд кардани онро надорем. Ҳатто эвтаназияи ғайрифаъол аз доираи принсипҳои яхудия берун аст.

Эвтаназия дар баъзе аз давлатҳои ҷаҳон дар сатҳи қонунгузорӣ иҷозат дода шудааст. Аз ҷумла, дар Швейтсария, Люксембург, Белгия, Нидерландия ва чанде аз иёлатҳои ИМА, ба монанди Вашингтон, Орегон ва ғайра.

Швейтсария дар байни давлатҳое, ки дар он эвтаназия қонунӣ гардонида шудааст, ҷойи намоёнеро ишғол менамояд, чунки дар ин мамлакат эвтаназия ба ғайр аз шаҳрвандони Швейтсария ба шаҳрвандони хориҷӣ низ татбиқ карда мешавад, дар ҳоле ки дар мамлакатҳои дар боло зикргардида он танҳо нисбати шаҳрвандони ин давлатҳо татбиқ карда мешавад. Ҳамасола дар Швейтсария бо ин восита тахминан 100 нафар ҷони худро аз даст медиҳанд [9, с.14]. Албатта, татбиқи эвтаназия дар мамлакатҳое, ки қонунӣ гардонида шудааст, бо риояи шартҳои муайян ба амал баровarda мешавад ва он бевосита дар қонунгузории ин мамлакатҳо

дарҷ карда шудааст. Аз ҷумла, танҳо бо розигии худи бемор ва ё наздикони ӯ, ки ин розигӣ на кам аз ду маротиба дар марҳилаҳои гуногун пурсида мешавад, танҳо аз ҷониби кормандони соҳаи тиб ба амал баровардани чунин фаъолият, яъне эвтаназия, хулосаи камаш ду табиб доир ба бемории табобатнопазир доштани бемор, тасдиқи чунин хулоса аз ҷонниби шурои табибон ва мақомоти ваколатдор ва ғайра [19, с.73-81].

Ҳамин тариқ, эвтаназия падидаи хос ба як давлат ва ё минтақаи алоҳида нест. Балки он падидаест, ки дар ҳоли ҳозир таъсирашро қариб тамоми мамлакатҳои ҷаҳон эҳсос мекунанд. Муҳимтарин масъалае, ки роҷеъ ба эвтаназия вуҷуд дорад, ин қонунӣ гардонидан ё нагардонидани он аз ҷониби мамлакатҳои ҷаҳон аст. Гарчанде иддае аз тарафдорони эвтаназия онро ҳамчун як ҷузъи ҳуқуқҳои худ, яъне «ҳуқуқ ба марг» пазируфтаву эътироф намудаанд ва дар сатҳи қонунгузории худ мустаҳкам намудаанд, вале набояд фаромӯш сохт, ки ҳар он чизе ки дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам гардонида шудаву қонунӣ гардонида мешавад, агар назорати он ба таври дуруст ба роҳ монда нашавад, хоҳ нохоҳ роҳҳои ғайриқонунӣ ва суиистифода аз он низ ба миён меояд ва ин аст, ки дар чунин ҳолат бузургтарин арзиши инсонӣ, яъне ҳаёт моҳияти худро аз даст медиҳад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Бабаджанов И.Х. Право на жизнь как юридическая квинтэссенция витальных возможностей человека / И.Х. Бабаджанов. – Душанбе: Ёл, 2010. – 440 с.*
2. *Большой толковый медицинский словарь. Том 2 (Н-Я) / Под ред. Г.Л. Белича. – Москва, 1998. – 608 с.*
3. *Бэкон Ф. Соч. в 2 Т., – Т. 1. – М., 1971. – 568 с.*
4. *Бэкон Ф. Соч. в 2 Т., – Т. 2. – М., 1978. – 570 с.*
5. *Гиппократ. Клятва Гиппократа. Избранные книги / перевод В. Руднева. – Москва, 1994. – 736 с.*
6. *Диноршоев А.М., Искандаров Ш.Ф. Права человека: учебно-методическое пособие / под ред. А.М. Диноршоева. - Душанбе, 2011. – 340 с.*
7. *Дмитриев Ю.А. Право человека в Российской Федерации на осуществление эвтаназии / Ю.А. Дмитриев // Государство и право. – 2000. – №11. – С. 52-59.*
8. *Исаева В. Проблемы юридического регулирования эвтаназии / Исаева В. // Право и жизнь. – №12. – С. 28-38.*
9. *Искандаров Ш.Ф. Эвтаназия и проблема его выделения в системе личных прав / Искандаров Ш.Ф. // Правовая жизнь. – 2016. – № 2 (14). – С. 9-16.*
10. *Ковалев М.И. Право на жизнь и право на смерть / Ковалев М.И. // Государство и право. – 1992. – №7. – С. 69-74.*
11. *Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи 2017, № 1413 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – № 5, м. 270.*
12. *Коробеев А. Простое убийство и сложности его квалификации / А. Коробеев // Уголовное право. – 2001. – №2. – С. 16-19.*
13. *Краткий оксфордский словарь. – М., 1998. – 576 с.*
14. *Крылова Н. Эвтаназия: уголовно-правовой аспект / Н. Крылова // Вестник МГУ. Сер. 11. Право. – 2002. – №2. – С. 15-23.*
15. *Малиновский А. Имеет ли человек право на смерть? / Малиновский А. // Российская юстиция. – 2002. – № 8. – С. 46-54.*
16. *Матузов Н.И. Право на жизнь в свете российских международных стандартов / Матузов Н.И. // Правоведение. – 1998. – №1. – С. 118-125.*
17. *Российская юридическая энциклопедия. – М., 1999. – 1110 с.*

18. *Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон: диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2017. – 241 с.*
19. *Стефанчук Р. Возвращаясь к вопросу о легализации эвтаназии в странах СНГ / Стефанчук Р. // Право и жизнь. – №5. – 2008. – С .73-81.*

**Reference Litereture:**

1. *Babadzhanov I.Kh. The Right for Life as a Legal Quintessence of Individual's Vital Capabilities. - Dushanbe: Buttresss,, 2010. - 440 pp.*
2. *Large Explanatory Medical Dictionary. Volume 2 (Н-я) / Under the editorship of G.L. Belich. - M., 1998. - 608 p.*
3. *Bacon F. Compositions in 2 Volumes. - V. 1. - M., 1971. - 568 pp.*
4. *Bacon F. Compositions. in 2 Volumes. - V. 2. - M., 1978. - 570 pp.*
5. *Hippocrates. The Hippocratic Oath. Selected Books / translation by V. Rudnev. - M., 1994. - 736 pp.*
6. *Dinorshoev A.M., Iskandarov Sh.F. Human Rights. Educational- methodical manual // under the editorship of. Dinorshoev A.M. - 2011. - 340 p.*
7. *Dmitriev Yu.A. Human right in the Russian Federation to carry out euthanasia // State and Law. - 2000. - No. 11. - pp. 52-59.*
8. *Isaeva V. The Problems of Legal Regulation of Euthanasia // Law and Life. - No. 12. – pp. 28-38.*
9. *Iskandarov Sh. F. Euthanasia and the Problem of its Allocation in the System of Personal Rights // Scientific and informational journal. Legal Life. – 2016, No. 2 (14). - 9-16pp.*
10. *Kovalev M.I. The Right for Life and the Right to Death // State and Law. – 1992, No. 7. - P. 69-74.*
11. *Health Code of the Republic of Tajikistan for May 30, 2017, № 1413 // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan (The Tidings of Tajikistan Republic Supreme Council) . – 2017, № 5, article 270.*
12. *Korobeev A. Simple Murder and the Complexity of its Qualification / A. Korobeev // Criminal law. – 2001, No. 2. - pp. 16 - 19.*
13. *Concise Oxford Dictionary. - M., 1998. - 576 pp.*
14. *Krylova N. Euthanasia: Criminal-Legal Aspect / N. Krylova // Bulletin of Moscow State University. Series. 11. Law. – 2002, No. 2- pp. 15 - 23.*
15. *Malinovsky A. Does a Person Have the Right for Death? // Russian Justice. – 2002, No. 8. – pp. 46 - 54.*
16. *Matuzov N.I. The Right for Life in the Light of Russian International Standards // Law Knowledge. – 1998, No. 1. - pp. 118 - 125.*
17. *Russian Juridicall Encyclopedia. - M., 1999. - 1110 pp.*
18. *Sadizoda J. Formation of the Culture of Human Rights in the Context of Building a Law-abiding state in Tajikistan: Candidate dissertating of jurisprudence. - Dushanbe, 2017, 241 pp.*
19. *Stefanchuk R. Returning to the Issue of the Legalization of Euthanasia in CIS Countries // Law and Life. 2008, No. 5. pp.73 - 81.*